Маълумотномаи
асосноккунии зарурати таҳияи лоиҳаи қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи Тартиби пешниҳод намудани хизматрасонии интернет»

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешниҳод намудани хизматрасонии интернет» мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардидааст.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеаи истифодаи интернет дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, масъалаи танзими ҳуқуқии тартиби пешниҳоди хизматрасонии интернет аҳамияти махсус пайдо намудааст.

Дар айни ҳол, дар бозори хизматрасонии интернет баъзе масъалаҳо, аз ҷумла набудани меъёрҳои ягонаи стандартии хизматрасонӣ, фарқият дар сифати хизматрасонии операторон, норасоии механизми ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагон, масъалаҳои шаффофияти нархгузорӣ ва шартномаҳо, мушоҳида карда мешаванд, ки зарурати таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаро тақозо менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешниҳод намудани хизматрасонии интернет» бо мақсади муайян намудани тартиби ягонаи пешниҳоди хизматрасонии интернет, таъмини сифати устувор ва дастрасии баробар ба хизматрасонӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои истифодабарандагон, баланд бардоштани масъулияти провайдерони хизматрасонӣ, фароҳам овардани муҳити рақобати солим дар бозори хизматрасонии интернет таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи пешниҳодшаванда мутобиқи «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, ҷиҳати пешгирӣ, бартарафсозӣ ва роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаи пешниҳодгардида аз ҷониби Хадамот анҷом дода, дар он мухолифати меъёрҳо ба дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои эҷодкунандаи ҳолатҳои коррупсионӣ ошкор нагардидаанд.

Лоиҳаи мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети ҷумҳуриявӣ, маблағҳои махсуси Хадамоти алоқа, инчунин манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Бо дар назар доштани асосҳои зикргардида, лоиҳаи мазкур барои баррасӣ манзур карда мешавад.

Хадамоти алоқаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон